## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА–037-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик» (давраи истиклолият) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00.-Адабиётшиносӣ (10. 01. 08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 037-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати раис **Файзуллоев Неъматҷон** – доктори илми филология; профессор; аъзо: **Султонзода Тоҷибой Султонӣ** – доктори илми филология, профессор; **Нуров Нуралӣ** – доктори илми филология, профессор оид ба қабул намудани диссертатсияи Ризобоева Наргис дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик» (давраи истиқлолият) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00.-Адабиётшиносӣ (10. 01. 08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расида, дар ҷаласаи кафедраи номбурда (қарори №3, аз 26-уми октябри соли 2021) муҳокима гардидааст.

Диссертатсия ба яке аз масъалаҳои мубрами адабиётшиносии муосири тоҷик – омӯзиши парадокс ва тасвири парадоксӣ дар ашъори шоирони муосири тоҷик бахшида шудааст. Аҳамияти интихоби мавзуъ дар он зоҳир мешавад, ки то кунун дар адабиётшиносии тоҷик роҷеъ ба масъалаи мавриди таҳқиқ пажӯҳиши алоҳида ба анҷом нарасидааст ва бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик ба сурати ҷудогона ҷойгоҳи ин унсури муҳими ҳунари шоирӣ дар шеъри муосири тоҷики давраи истиқлол ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

**Ҳадафи асосии пажуҳиши мазкур** баррасӣ ва таҳқиқ вижагиҳои ҳунарии осори суханварони муосири тоҷики нимаи дувуми асри XX ва аввали асри XXI,хоса ҷойгоҳи тасвирҳои парадоксӣ дар сурудаҳои шоирони ин давр шуруъ аз устод Мирзо Турсунзода то намояндагони насли ҷавони шеъри муосири тоҷик мебошад.

**Максади асосии таҳқиқот** таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии .шеъри муосири тоҷик, хоса даврони истиқлол, аз ҷумла ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар сурудаҳои шоирони муосир ва нақшу мақоми он дар ташаккули ҷанбаҳои ҳунарии шеъри имрӯз, шеваҳои эҷоди тасвирҳои парадоксӣ, шинохти моҳияти ин навъи тасвир дар коргоҳи хаёли суханварони муосири тоҷик ба шумор меравад.

Таҳлилҳои назарии анҷомёфта дар асоси омӯзиши таълифоти донишмандони ватаниву хориҷӣ, ки дар рисола ҷой гирифтаанд, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои ҳосилнамуда, дар таъйини вижагиҳои ашъори дорои тасвири парадоксӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ, хусусун давраи нави ташаккули адабиёти муосири тоҷик нақши муассир мегузоранд. Натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқот ва мабоҳиси ҷудогонаи дар рисола ҷойдоштаро низ метавон барои таҳқиқи ҷанбаҳои дигари масоили марбут ба ин мавзуъ ба кор гирифт.

Диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна аз ҷиҳати сохтор ва бандубаст аз муқаддима, се боб бо фарогирии ҳафт фасл ва се зерфасл, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат аст.

**Дар мукаддима** мубрамият ва муҳимияти мавзуъ асоснок карда шуда, таҳлили дараҷаи пажӯҳиши он, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ ва ҳадафу вазифаҳои тадқиқот муайян гардида, ҳамчунин арзишҳои назариву амалии он мушаххас шудаанд.

**Боби аввали** диссертатсия “Вижагӣ ва равандҳои асосии шеъри муосири тоҷик дар даврони истиқлол” унвон дошта, муҳимтарин меҳварҳои пажӯҳишии он дар ду фасл баррасӣ шудаанд.

**Фасли авали** ин боб “Адабиёти даврони истиқлол: хусусият ва тамоюлҳои навгарой дар он” ном дорад.

Яке аз равандҳои муҳими адабиёти навини тоҷик, ки мо ба унвони адабиёти даврони истиқлолият ном мебарем, идомаи суннатҳои хоси адабиёти классикии тоҷик мебошад. Бегумон тасвири парадоксӣ сарчашма дар адабиёти классикии тоҷик дорад, ки раванди пайванди ин ду марҳилаи муҳими адабиро таъмин мекунад.

Адабиёти даврони истиқлолро пажӯҳишгарони тоҷик аз рӯи шаклу мазмун, сабку шеваи нигориш, анвои адабӣ ва дигар вижагиҳо баррасӣ намудаанд.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки баробари такмили ҷанбаҳои ҳунарӣ, идомаи суннатҳои муҳими адабиёти давраи гузашта дар шеъри муосири тоҷик мавзуъҳои фалсафӣ, худшиносиву худогоҳӣ, таҷассуми афкори ҷадид ва шеваҳои хоси корбурди мафоҳим ва истилоҳоти замони имрӯз нуфуз касб карданд. Бозтоби падидаҳои замони истиқлол, аз ҷумла ваҳдатгарой, ифтихори миллӣ, бунёди ишоотҳои муҳими аср, чун кандани нақбҳову сохтмони нерӯгоҳҳо, воқеоти сиёсии замон ва амсоли ин низ ба ҳукми мавзуоти меҳварии адабиёти даврони истиқлол нуфуз пайдо намуданд.

**Фасли дувуми боби аввал “Шеъри тасвирӣ ва анвои тасвир”** унвон дорад. Суханварони муосири тоҷик сар карда, аз намояндагони адабиёти тоҷикии нимаҳои аввали солҳои панҷоҳ-шастуми асри гузашта ба давом додани суннатҳои дерини адабиёт, хосса таҷрибаҳои ҳунарӣ дар навъҳои анъанавии шеър талош кардаанд. Аз ин рӯ, ҷойгоҳи тасвир дар шеъри муосири тоҷик аз ҳамон дидгоҳҳое сарчашма мегирад, ки дар шеъри классикии мо ривоҷ доштааст.

Дар бораи тасвир ва нақшу ҷойгоҳи он дар таҳаввули шеър чӣ дар гузашта ва чӣ имрӯз ва ҳам дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ дидгоҳҳои мухталифе ҷой доранд. Адабиётшинос Аскар Ҳаким вобаста ба шеъри имрӯз ду навъи шеъри тасвириро дар таркиби шеъри ғиной

муқаррар намудааст, ки яке шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ ва дигар шеъри тавсифию тасвирӣ номида шудааст.

Аз баррасиҳо маълум мешавад, шеъри тасвирӣ дар заминаи вуҷуди анвои тасвир ҳосил мешавад, ки моҳияти онро пайванд бо табиат ва воситаҳои тасвири бадеӣ ба вуҷуд меоваранд.

**Боби дувуми рисола “Сарчашмашиносӣ ва заминаи ташаккули тасвири парадоксӣ дар адабиёти тоҷик”** унвон гирифта, баррасиҳои илмии диссертант дар се фасл сурат гирифтаанд.

**Фасли аввали боби дувум “Тасвири парадоксӣ: моҳият, марҳила ва асосҳои зуҳури он”** ном дорад ва дар он мафҳуми парадокс ва заминаҳои пайдоишии он шарҳу тафсир шудааст.

Бархе олимон пайдоиши мафҳуми парадоксро ба донишмандони Юнони Қадим нисбат медиҳанд, аммо аз рӯи таҳқиқоти анҷомёфта маълум мегардад, ки диду назарҳои донишмандон дар ин бора фаротар аз ин замону макон аст. Ҳарчанд дар китоби Шамс Қайси Розӣ “Ал-муъҷам” ба сурати таноқуз, як навъ санъати бадеӣ омада ва баъдан Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ низ онро ба шакли мунокиза тафсир намудааст, аммо пажӯҳишҳои ахиран анҷомёфта муайян кардаанд, ки ҳанӯз дар шеъри куҳани Чини қадим ба намунаҳои тасвирҳои парадоксӣ метавон дучор омад. Маҳмуди Футуҳӣ ба намунаҳое аз ин навъ тасвирҳо дар шеъри қадимаи Чин ишорат кардааст.

Ҳамин тавр, дар илми адабиётшиносӣ зери маҳфуми тасвири парадоксӣ чизе фаҳмида мешавад, ки бар асоси ду мафҳуми ба ҳам зид бунёд ёфта, зоҳиран гӯё маънӣ надорад, вале дар батни он мазмун ва хаёлоти шоирона ҷилвагар аст.

**Фасли дуюми** ин боб **“Ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри тоҷикии садаи XX”** ном дорад ва дар он ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар сурудаҳои намояндагони ҷудогонаи адабиёти тоҷикии садаи бист чун Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Фасли сеюми** ин боб мавсум ба **"Аркон ва шеваҳои эҷоди тасвирҳои парадоксӣ"** буда, дар эҷоди парадокс нақши воситаҳои тасвир, аз ҷумла ташбеҳу ташхис хеле муҳим аст. Барои баррасии рукнҳои аслии эҷоди тасвири парадоксӣ ва шеваҳои зуҳури он муҳимтарин равишҳои он чунин муайян шудааст.

**Шахсиятбахшии ашё ва мафоҳими отифиву маънавӣ.** Дар ин шева нақши асосиро санъати ташхис иҷро мекунад, зеро ба ҳангоми шахсиятбахшии ашё ва ҳолоти отифиву мафоҳими маънавӣ шоирон иқдоме аз худ зоҳир мекунанд, ки тасвири офаридаи онҳо бар асоси ташхиси мафоҳим ва отифаҳо, инчунин ашё воқеият касб мекунанд ва ин воқеиятҳо танҳо дар зеҳну андешаи халлоқи худи шоир ғунҷоиш меёбад.

**Тасвири ҳолат ва отифаҳои инсонӣ.** Муҳимтарин шеваи таҷассуми тасвири парадоксӣ ҳангоми баён ё тасвири ҳолат ва отифаҳои инсонӣ ба назар мерасад. Шоирон дар ин ҳолат ба ҷилва овардани ҳолоти равонӣ ва отифаҳои инсонӣ аз ин навъ тасвирҳо ба кор мегиранд.

**Тазод ва таноқуз дар баён.** Аз муҳимтарин шеваҳои эҷоди тасвири парадоксӣ истифодаи мафоҳими ба ҳам зид дар шеър мебошад, ки боис ба зуҳури тасвири парадоксӣ мегардад. Мусаллам аст, ки асли парадокс таноқуз аст. Аз ин хотир, дар бештари маворид барои зуҳури тасвири парадокснамо саноеи тазод ва муқобала ва ҳамзамон муболиға авлавият доранд, зеро дар чунин ҳоли муқобилгузории мафоҳим худ аз худ муболиға низ арзи ҳастӣ мекунад.

**Боби савуми** диссертатсия **"Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик" (давраи истиқлолият)** ном дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст.

**Фасли аввали** он **"Нақши парадокс дар таҳаввули маъно ва сабки баён"** унвон гирифтааст.

**Фасли дувуми** ин боб **"Тасвири парадоксӣ дар шеъри бонувони суханвари имрӯзи тоҷик"** ном дорад. Барои рушди шеъри даврони истиқлолияти тоҷик саҳми Гулрухсор, Фарзона, Шаҳрияи Атҳамзод, Меҳринисо, Зулфия Аторӣ, Гулноз ва дигарон хеле бузург аст ва бо

итминон метавон таъкид дошт, ки як тамоюли хуби шеъри хубони порсигӯ дар шеъри даврони истиқлоли кишвар шакл гирифтааст, ки тамоми махсусиятҳои шеъри ин давраро фаро гирифтааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷа ва бардоштҳои муҳаққиқ дар 14 банди алоҳида оварда шуда, мундариҷаи хулосаи таҳқиқоти дар диссертатсия анҷомдодаи диссертантро пурра инъикос менамояд..

Ба таври куллӣ метавон изҳор дошт, ки диссертант аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар назди хеш гузошта ба хубӣ баромадааст.

Асоснокиву амиқии пажуҳиш ва хулосаҳои аз он бардоштаи муаллифи диссертатсия гувоҳи он аст, ки ӯ перомуни мавзуи таҳқиқоташ корҳои муайяне ба сомон расонида, дар ин замина ба нашри чанд мақолаи илмӣ ҳам муваффақ гардидааст.

Дар радифи комёбиҳои бешумор дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ва ғалатҳо ба назар расидаанд. Аз ҷумла, дар диссертатсия қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ на ҳамеша риоя гаштааст. Баробари ин, баъзан ғалатҳои имлоиву китобат низ мушоҳида мешаванд, инчунин баъзе аз китобҳои мавриди назар ворид нашудаанд, бояд ҳамроҳ карда шаванд. Ба рӯйхати адабиёт ин китоб ворид карда шавад: Аъзамзод. С. Адабиёт ва маърифати нақд (Масъалаҳои шинохти таърихи адабиёт ва нақди адабии тоҷикии садаи XX), Маҷмӯаи мақолаҳо. Хуҷанд: Анис, 2012. – 200 с

Эродҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро кам намекунанд ва ислоҳшаванда мебошанд.

Муаллиф барои анҷом додани чунин дар баробари мутолеаи осори фаровони илмиву адабӣ заҳмати зиёде кашидааст. Эътимоднокиву асоснокии натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ва нуктаҳои назариявии дар диссертатсия мавҷуда боиси шубҳа буда наметавонад.

Автореферат ва мақолаҳои доир ба мавзуъ таълифнамудаи муаллиф мазмуни диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Кори диссертатсионии Ризобоева Наргис пажӯҳиши мустақил ва анҷомёфта ба шумор омада, аз аҳамияти муҳими илмиву амалӣ бархурдор аст.

Бино бар мазмуну муҳтаво, навоварии таҳқиқ, аҳамияти илмиву амалиаш диссертатсияи мазкур ҷавобгӯйи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди таълифи диссертатсияҳои номзадӣ буда, онро ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ метавон пешниҳод намуд.

Комиссияи ташхисӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.00.- Адабиётшиносӣ (10. 01. 08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

1. **Муқарризи расмии аввал**–Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович, доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
2. **Муқарризи расмии дувум**– Сафаров Умархоҷа Раҳимович, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти навини точики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда:**

Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав"

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илми филология, профессор** **Файзуллоев Н**

**Аъзои комиссияи ташхис:**
**доктори илми филология, дотсент** **Султонзода Т.С.**

**доктори илми филология, дотсент** **Нуралӣ Нуров**

"08" сентябри соли 2022